«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.и., дотсент Сатторзода Б.А.
_______________________________
аз «14» ________________ 2026с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ба диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзуи «Ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 – Иқтисодиёти ҷаҳон дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Иброҳимзода Амир Муддин унвонҷӯйи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Иброҳимзода Амир Муддин 08 январи соли 1990 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллаташ тоҷик.

Соли 2014 Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро (рӯзона) бо муваффақият хатм кардааст. Инчунин соли 2023 Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро (маълумоти дуюм) хатм кардааст. Соли 2023 ҳамчун унвонҷӯ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон вобаста шуда буд.

Иброҳимзода Амир Муддин имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) 4 (хуб), таърих ва фалсафаи илм 5 (аъло), ва имтиҳони номзадӣ (минимум) аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳон бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супоридааст.

Иброҳимзода Амир Муддин аз соли 2011-то ҳол дар вазифаҳои гуногун кору фаъолият кардааст. Солҳои 2011-2012 корманди

департаменти илм ва татбиқот, ёвари ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон кор кардааст. Номбурда солҳои 2012-2014 ҳамчун таҳиягар ва барандаи барномаҳои телевизионӣ дар телевизиони “Маърифат”-и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фаъолият кардааст. Иброҳимзода Амир Муддин солҳои 2012-2017 ҳамчун муҳаррири идораи барномаҳои сиёсии Телевизиони Тоҷикистон кор кардааст. Инчунин солҳои 2013-2017 дар вазифаи роҳбари ташкилоти ибтидоии “Симо”-и ҲХДТ дар Телевизиони Тоҷикистон кор кардааст. Дар тули солҳои 2017-2018 ҳамчун сармутахассиси Раёсати кор бо ҷавонони Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати ҶТ фаъолият кардааст. Солҳои 2018-2021 дар вазифаи мудири Бахши кор бо ҷавонон ва варзиши ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе фаъолият намудааст. Номбурда солҳои 2021-2024 ҳамчун сардори Раёсати кор бо ҷавонони дастгоҳи марказии Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият кардааст. Солҳои 2024-2025 дар вазифаи сардори Раёсати тарбияи ватандӯстии дастгоҳи марказии Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст. Аз 21 январи соли 2025 то ҳоло Ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов фаъолият карда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 29-уми марти соли 2024, суратҷаласаи №08/3.8 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмӣ – Шариф Раҳимзода – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи иқтисодиёти молиявӣ ва фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

Номбурда вобаста ба мавзуи диссертатсионӣ 6 мақолаи илмӣ дорад, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда.

Диссертатсияи аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 – Иқтисодиёти ҷаҳон дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба таври ошкоро аз «12» марти соли 2026, суратҷаласаи №8 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбӣ дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**Баҳои кори иҷрошуда.** Дар раванди ҷаҳонишавӣ ва ҳамзамон шиддатгирии рақобатҳои гуногуни иқтисодӣ байни кишварҳои ҷаҳон, маҳз ҳамкориҳои минтақавӣ барои таъмини рушди иқтисодиёти мамлакатҳои алоҳида хеле муҳиманд. Аз ин дидгоҳ ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ), дурнамои хеле назаррас доранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви СҲШ метавонад аз густариши равобити тиҷоратӣ, ҳамкориҳо дар самти сармоягузорӣ, энерегетикӣ ва амалӣ намудани имкониятҳои транзитӣ дар доираи ин созмон баҳра барад. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «... дар шароити вазъи кунунии ҷаҳонӣ афзоиши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар фазои СҲШ ниҳоят муҳим аст».

Дар баробари ин, зикр бояд намуд, ки дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва минтақавӣ вусъати муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ, рушди ҳам ҳамкориҳои бисёрҷониба ва ҳам дуҷонибаи тиҷоративу иқтисодӣ аҳаммияти махсус пайдо менамоянд. Дар ин замина Созмони ҳамкории Шанхай, ки як қатор кишварҳоро дар фазои Авруосиё муттаҳид мекунад, ба минбари муҳимми таҳкими равобити иқтисодӣ, таҳияи тарҳҳои муштарак ва боло бурдани сатҳи ҳамгироии минтақавӣ табдил мeёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2001-ум узви комилҳуқуқи Созмони ҳамкории Шанхай ба шумор меравад ва ин созмони бонуфузи ҷаҳониро дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва ҳамзамон, васеъшавии равобити иқтисодии хориҷӣ шарики стратегии худ медонад. Муҳиммияти мавзуъро зарурати таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ, аз қабили Ҷумҳурии Халқии Хитой, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Узбекистон, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Белорусия муайян мекунад. Дар пасманзари тағйироти

геополитикӣ, табдили масирҳои логистикӣ, инчунин, талошҳо барои коҳиш додани вобастагӣ аз шарикони анъанавии иқтисодӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими содирот, ҷалби сармоягузорӣ ва иштирок дар ташаббусҳои инфрасохтори минтақавӣ имкониятҳои нав боз мегардад. Гузашта аз ин, дар шароити маҳдуд будани захираҳои дохилӣ вусъати муносибатҳои иқтисодӣ дар доираи СҲШ яке аз самтҳои асосии сиёсати берунии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад. Аз ин дидгоҳ омӯзиши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон ва кишварҳои узви СҲШ на танҳо дорои аҳаммияти илмӣ, балки аҳаммияти амалӣ буда, ба таҳкими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар асоснок намудани ҷанбаҳои назариявию методологии ташаккули ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти чолишҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, таҳлил ва арзёбии ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо узви СҲШ, пешниҳоди механизмҳо, самтҳои асосӣ ва дурнамои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо узви СҲШ мебошад. Муаллиф ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои узви СҲШ таҳқиқ намуда, дар асоси таҳлил пешниҳодҳои мушаххаси илмӣ намудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар умум, ба низом даровардани равишҳои илмии омӯзиши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар доираи иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ, инчунин, равшан намудани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳамкориҳои иқтисодии Созмони ҳамкории Шанхай мебошад. Натиҷаҳои бадастомада бо дарки амиқи илмии механизмҳои фаъолияти ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ мусоидат намуда, ба мо имкон медиҳанд, ки СҲШ - ро ҳамчун воситаи муҳимми ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар низоми байналмилалии иқтисодӣ баррасӣ намоем. Ҳамзамон, хулоса ва тавсияҳои овардашуда метавонанд ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи бахши савдои беруна ва соҳаҳои мушаххаси фаъолияти иқтисодӣ истифода бурда шаванд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар таҳияи пешниҳоду тавсияҳои мушаххас оид ба баланд бардоштани самаранокии иштироки Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар лоиҳаҳо ва ташаббусҳои тиҷоратию иқтисодии СҲШ мебошад. Хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар рафти кор баён шудаанд, метавонанд дар фаъолияти амалии Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҳангоми омӯзиши фанҳои «Иқтисодиёти ҷаҳонӣ», «Ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ» ва ғайра мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** принсипҳои мантиқии диалектикӣ ва равиши системавию сохториро ташкил медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқот усулҳои маъмули таҳлилу синтез, қиёскунӣ, баҳогузориҳо ва усулҳои махсуси иқтисодӣ-риёзӣ, мантиқӣ, пешгӯикунӣ, оморӣ ва дигар усулҳои илмӣ истифода гардидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Натиҷаҳои мушаххас ва назарраси рисолаи илмӣ, ки навгонии илмӣ ва мазмуну мундариҷаи рисоларо ошкор месозанд, инҳои мебошанд:

- асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар доираи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои давлатҳои хурд ва рӯ ба тараққӣ таҳқиқ ва мушаххас карда шуданд ва ин имкон дод, ки хусусиятҳои иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироӣ амиқтар ошкор карда шавад;

- иттиҳодияҳои ҳамгирои иқтисодии минтақавӣ ва нақши онҳо аз ҷумла (Созмони ҳамкории Шанхай) дар рушд ва тадбиқи сиёсати хориҷии кишварҳои узв бо назардошти ҷаҳонишавии муосир ва чолишҳои геоиқтисодӣ машаххас карда шуд;

- дар асоси маълумотҳои макроиқтисодӣ ва оморӣ вазъият ва динамикаи савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ таҳлил шуда, тамоюлҳои устувор, номутаносибӣ ва векторҳои тағйирёбии муносибатҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд. Ҳамзамон, ҳамкориҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои СҲШ арзёбӣ гардида, омилҳои асосии монеаи воридшавии сармоя, инчунин, имкониятҳои густариши ҳамкориҳои сармоягузорӣ дар бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт муайян карда шуд;

- самтҳои асосии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои СҲШ муайян ва ба низом даровarда шуда, роҳҳои ҳимоявии манфиатҳои стратегии ҷумҳурӣ дар чаҳорчӯби ин ҳамкорӣ муайян карда шуданд. Инчунин, дурнамои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои узви ин созмон дар давраи миёнамуҳлат аниқ гардида, тавсияҳои амалӣ таҳия карда шуданд.

**Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:**

- асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар доираи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ муайян гардида, дар ин ҳошия тавсифи Созмони ҳамкории Шанхай ҳамчун муҳити ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ баррасӣ гардидааст;

- тамоюлҳои савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай, таъсири омилҳои асосӣ ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва раванди ҳамгироии кишварҳои СҲШ пешниҳод шуда, инчунин, мушкилот ва тамоюлҳои ҳамкориҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ муайян карда шуд;

- самтҳои асосии ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ ва роҳҳои ҳимояи манфиатҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои СҲШ пешниҳод гардидаанд;

- дурнамои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ таҳия шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ мутобиқ мебошад. III.5. – Равандҳои ҳамгироӣ дар минтақаҳои рушдёфта ва рӯ ба рушдниҳодаи хоҷагии ҷаҳонӣ, қонуниятҳои рушди ин равандҳо, баҳои ояндаи ҳамгироии иттиҳодияҳои гуногуни тиҷоратию иқтисодӣ, аз ҷумла ҳамгироии иқтисодии Авруосиё; III.11. – Механизмҳои танзими тиҷорати байналмилалӣ; III.18. Стратегияҳои муосири бозорӣ ва нақши онҳо дар инкишофи мубодилаи байналмилалӣ, ҷанбаҳои методии рақобатпазирии байналмилалӣ; III.25 – Иқтисоди миллии кишварҳои алоҳида дар низоми

робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ: проблемаҳои муносибсозии ҳамкорӣ ва таъмини манфиатҳои иқтисоди миллӣ. Тазодҳои байналмилалии иқтисодӣ, сабабҳо ва равишҳои ҳалли онҳо.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.** Натиҷаи ниҳоӣ ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар раванди таълим дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон истифода мегардад (маълумотнома №1074/04 аз 25.11.2025с.). Ҳамзамон, баъзе натиҷаҳо дар Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд (санади татбиқ №05-01 аз 03.03.2026с.)

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, пеш аз ҳама, бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ», Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 (аз 26 ноябри соли 2025, №652); Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2026 -2030 (аз 29 декабри соли 2025, № 707); маҷмуи барномаҳо ва стратегияҳои соҳавӣ ба таври мустақим алоқамандӣ дорад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

## ИНТИШОРОТИ АСОСӢ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ КОРИ ДИССЕРТАТСИОНӢ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М]. Иброҳимзода, А.М. Ҳамкориҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои аъзои СҲШ: имконияҳо ва дурнамо [Матн] / А.М. Иброҳимзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – №4.2 (43) - С. 686-693. ISSN 2663-0389.

[2-М]. Иброҳимзода, А.М. Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории Шанхай: савдои хориҷӣ, мушкилот ва тамоюлҳо [Матн] / А.М. Иброҳимзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои

ичтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: ДМТ. - 2025. - № 8/1. - С.135-145. ISSN 2413-5151.

[3-М]. Иброҳимзода, А.М. Дурнамои рушди ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай дар шароити нави геоиқтисодӣ [Матн] / А.М. Иброҳимзода, Ш. Раҳимзода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе. - 2026. - №1(76). – С.275-290.

[4-М]. Иброҳимзода, А.М. Асосҳои назариявии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ [Матн] / А.М. Иброҳимзода, Ш. Раҳимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе: ДДТТ. - 2026. - № 1. - С.58-64.

**Мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмуаи маводи конференсия:**

[5-М]. Иброҳимзода, А.М. Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории Шанхай: тамоюли ҳамкориҳои иқтисоди ва тиҷоратӣ [Матн] / А.М. Иброҳимзода // «Равандҳои муосири молиявӣ–қарзӣ: мушкилот ва дурнамо» Маҷмуаи маводи конфронси III илмӣ-амалии байналмилалӣ, 5-уми декабри соли 2025. – Душанбе, 2025. – С. 428-434.

[6-М]. Иброҳимзода, А.М. Нақши Созмони ҳамкории Шанхай дар рушди устувори иқтисодиёти мамлакатҳои узв [Матн] / А.М. Иброҳимзода // Такмили фаъолияти фискалии мақомоти гумрук дар шароити иқтисоди рақамӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (20-уми январи соли 2026). – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2026. - С.261-265.

Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласаи кафедра қарор қабул кард:**

1.Баромади Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзуи «Ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 – Иқтисодиёти ҷаҳон анҷомёфта ҳисобида шавад.

2.Диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзуи «Ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.21

– Иқтисодиёти ҷаҳон ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-июни соли 2023 №295 “Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, №267” тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

3.Диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзуи «Ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 – Иқтисодиёти ҷаҳон ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иштирок доштанд: ҳамагӣ -18 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ -11 нафар. Аз ҷумла, д.и.и., профессорон – 7 нафар, номзадони илм – 7 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 11 нафар, муқобил - нест, бетараф – нест.

Қарори маҷлиси кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, суратмаҷлиси №8 аз «12» марти соли 2026 тасдиқ карда шавад.

**Раиси ҷаласа:**
доктор PhD, дотсент,
мудири кафедраи
иқтисодиёти ҷаҳон Шарипов С.Б.

**Котиби ҷаласа:**
доктор PhD, муаллими калони
кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Акрамзода М.А.

Дурустии имзоҳои Шарипов С.Б. ва
Акрамзода М.А.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ Мирҷамолов М.А.